# СЕМИНАР-МАШВАРАТИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ

Ҳафтаи ҷорӣ дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби ходимони илмии Пажӯҳишгоҳ  - Холиқзода Холмаҳмад ва Гадоев Идибек семинар-машварати илмӣ-методӣ таҳти унвони «Таҳсилоти фосилавӣ: мушкилот ва роҳи ҳалли он дар соҳибкасб гардидани ҷавонон» баргузор гардид. Дар семинари мазкур омӯзгорон, кормандони соҳаи маориф ва донишҷӯён иштирок намуда, вобаста ба масъалаҳои мубрами таҳсилоти фосилавӣ, истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим ва нақши он дар омода намудани мутахассисони рақобатпазир мубодилаи афкор анҷом доданд. Зимни баромадҳо таъкид гардид, ки рушди таҳсилоти фосилавӣ дар шароити имрӯза яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳи дониш, касбомӯзӣ ва мутобиқ намудани ҷавонон ба талаботи бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон иштирокчиён доир ба мушкилоти мавҷуда, аз ҷумла норасоии имкониятҳои техникӣ, дастрасӣ ба интернет ва такмили малакаҳои рақамии омӯзгорон ибрози назар намуданд. Дар фарҷоми семинар миёни иштирокчиён мубодилаи таҷриба сурат гирифта, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таҳсилоти фосилавӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти ҷавонон пешниҳодҳои судманд манзур карда шуданд.











